**РАИСИ**
**КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ**
**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ФАРМОИШ**

«12» 01 соли 2017 № 28 ш.Душанбе

«Дар бораи тасдиқи Нақшаи кории дохилиидоравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017 – 2018, ҷиҳати амалисозии «Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020»

Бо мақсади иҷрои банди 3 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, таҳти № 1504 «Дар бораи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020», мутобиқи банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ

1. Нақшаи кории дохилиидоравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017–2018, ҷиҳати амалисозии «Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда шаванд, ки иҷрои бандҳои Нақшаи кории мазкурро ба пуррагӣ таъмин намуда, натиҷаи иҷрои онро пайваста ҷамъбаст ва то ҳафтаи дуюми моҳи июн ва декабри соли дахлдор ба Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андоз ахбороти хаттӣ пешниҳод намоянд.

3. Мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки дар заминаи Нақшаи кории дохилидоравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2018, нақшаҳои кории дохилидоравии худро қабул ва тасдиқ намуда, иҷроиши онро таъмин намоянд.

4. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба Раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи сардорони Раёсатҳои таъмини ҳуқуқӣ Хушвахтов А.С. ва аудити дохилӣ Нурзода Ҷ.М. вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатзода

Замима
ба фармоиши Раиси Кумитаи андози
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «12» 01 соли 2017, №28

# НАҚШАИ КОРИИ

**дохилиидоравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017 – 2018, ҷиҳати амалисозии «Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020»**

| р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсад (натиҷаи маъмули) -и дар назар дошта шуда | Муҳлати иҷро | Меъёри баҳогузории ҳолати иҷро (индикаторҳо) | Иҷрокунанда |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Дар ҳолати зарурӣ дар асоси шартномаи меҳнати ҷалб намудани собиқадорони ба синни нафақа расидаи соҳаҳои ҳизмати давлатӣ ба сифати мутахассис-машваратчӣ | Ҷалби кадрҳои баландихтисоси масъул бо мақсади пешгирии «ихроҷи иқтидори зеҳнӣ» | Солҳои 2017-2018 | Таъмини идоракунии муносиб тавассути истифодаи муваффақи иқтидори таҷрибавии собиқадорони соҳавӣ | Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Раёсатҳои дахлдори Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз |
| 2. | Ба роҳ мондани омӯзиши масоили коррупсия, идоракунии муносиби давлатӣ, поктинатӣ дар хизмати давлатӣ, ахлоқ ва одоби хизматчиёни давлатӣ, таҳлили сабабҳои мавҷудияти коррупсия дар байни кормандони мақомоти андоз | Баланд бардоштани фарҳанги зиддикоррупсионӣ ва савияи тахассусии кормандони соҳа бо мақсади пешгирии бархӯрди манфиатҳо, дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ | Солҳои 2017-2018 | Афзоиши теъдоди курсҳо, семенарҳо конфронсҳо, таҳқиқотҳои илмию амалӣ, мукаммалгардонии марказҳои таълими ихтисоси кормандони мақомоти судӣ ва | Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, Раёсати аудити дохилӣ, Раёсати ҳамкории байналмилалӣ ва андозбандӣ, Маркази такмили |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | ва ба роҳ мондани омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва кор бо техникаи махсус | | | ҳифзи ҳуқуқ омухтани таҷрибаи давлатҳои пешқадам ва истифодаи таҷрибаи онҳо дар амал ҷиҳати пешгири коррупсия | ихтисос, мақомоти ҳудудии андоз |
| 3. | Тақвияти дастгирии иҷтимоии кормандони мақомоти андоз, фароҳам овардани шароити мусоиди манзилию маишӣ, аз ҷумла таъмини онҳо бо хонаҳои истиқоматии хизматӣ ва ҷудо намудани қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони манзил ва дарёфти сарчашмаҳои дастгирии молиявии онҳо | Таъмини кафолати ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти андоз ва аъзои оилаи онҳо | Солҳои 2017-2018 | Баланд бардоштани обрӯйу эътибори мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ | Раёсати молиявию хоҷагидорӣ,<br>Кумитаи иттифоқи касаба,<br>Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус,<br>Раёсати аудити дохилӣ |
| 4. | Омузиши таҷрибаи муваффақи давлатҳои пешқадам оид ба пешгирии коррупсия ва ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ, инчунин оид ба танзими ҳуқуқии хизмати давлатӣ (бо роҳи баланд бардоштани маош ва нуфузи хизмати давлатӣ) ва низоми пешгирии | Ташаккули зами-наҳои зарурӣ барои ҷорӣ намудани механизми маҷмуии миллии огоҳсозии коррупсия, амали-шавии Консепсияи ташаккули ҳукума-ти электронӣ, низо-ми | Солҳои 2017-2018 | Бо дарназардошти омӯзиш ва ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷӣ, ҷори намудани усулҳои самараноки пешгирии коррупсия дар кишвар | Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз,<br>КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии»,<br>Раёсати молиявию хоҷагидорӣ,<br>Раёсатҳои дахлдори |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | бархурди манфиатҳо. | пешгирии бар-хурди манфиатҳо | | | Дастгоҳи марказӣ |
| 5. | Иштирок дар гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионйи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаҳои, андоз гумрук, иҷозатномадиҳӣ ва ба ин васила ошкор намудани омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва пешниходи тавсияхо ҷиҳати аз байн бурдани бархӯрди манфиатҳо ва беҳтар намудани сифати хизматрасонии давлатӣ дар ин соҳаҳо. | Таҷдиди назар нисбати соҳаҳое, ки бештар ба хавфҳои коррупсия гирифтор мебошанд ва паст кардани рейтинги коррупсионӣ дар ин соҳаҳо, мукамал намудани тартиби хизматрасонии давлатӣ | Соли 2017 | Ба манзури ҷомеаи шаҳрвандӣ пешниҳод намудани натиҷаҳои такмили танзими ҳуқуқии идоракунии соҳаҳои муҳим | Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, Раёсати аудити дохилӣ ва Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз, Раёсати ташкили андозбандӣ ва дигар Раёсатҳо |
| 6. | Тибқи “Консепсияи ташаккули хукумати электрони, такмили низоми ғайри накдии пардохтҳо дар муносибатҳои молиявии ҳамаи сатҳҳо, ҷалби ҷомеаи шаҳрванди дар раванди қабули қарорҳо, санадҳои меъёри ҳуқуқӣ, барномаҳо, назоратбари ва маниторинги амалишавии онҳо. | Ҳамоҳангсози бо барномаи рушди хукумати электрони, аз ҷумла дарёфти сарчашмаҳои маблағгузории амалишавии он, истифодаи васеъи имкониятҳои хукумати электрони ҷиҳати пешгири | Солҳои 2017-2018 | Такмили танзими ҳуқуқии идоракунии соҳаҳои афзалиятнок, гузариши аксарияти аҳли ҷомеа ба ҳисоббаробаркуниҳои молиявии ғайринақдӣ (бо кортҳои пластикӣ), вусъатдиҳии иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ, | Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз, Раёсати санҷиши андозҳо, Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо, Раёсати аудити дохилӣ ва КВД |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи санади қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пардохт ва хизматрасониҳо, тартиби пардохтҳои ғайринакдӣ | намудани омилҳои ба вуҷудоварандаи ҳолатҳои коррупсиони, таъмини шаффофият, бароҳандозии назорати ҷамъияти ва раванди идоракунии давлати ва таъмини ҷалби намояндагони ҷомеъаи шаҳрвандӣ ба ҷараёни ҳуқуқ эҷодкунӣ. | | шаҳрвандон ва дастрасӣ ба иттилоот | «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» |
| 7. | Ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳо ҷиҳати муайян намудани омилҳои ба пайдоиши коррупсия мусоидаткунанда ва дарки хавфи оқибатҳои номатлуби коррупсия аз ҷониби кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ғайридавлатӣ мунтазам гузаронидани | Ташаккули мафкураи зиддикоррупсионӣ дар байни табақаҳои гуногуни ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии шаҳрвандон дар ҷараёни мубориза ва муқовимат бо коррупсия. | Солҳои 2017-2018 | Гузаронидани таҳқиқотҳои иҷтимоии аҳолӣ ҷиҳати афзун намудани боварии мардум ба мақомоти давлатӣ ва дар заминаи таҳқиқотҳо ташкил намудани курсҳои таълимии зиддикоррупсионӣ | Маркази такмили ихтисос, Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва дигар раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | вохӯриҳо (бо истифода аз воситаҳои ахбори омма ва интернет) | | | |
| 8. | Истифодаи васеи воситаҳои ахбори омма дар самти тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ, инчунин нашр ва муҳокимаи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба коррупсия | Ташаккули фазои оштинопазирӣ ба коррупсия ва таъмини иштироки васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муҳокимаҳои масоили марбути коррупсия | Солҳои 2017-2018 | Ташакули фазои оштинопазирӣ ва фарҳанги зиддикоррупсионӣ дар ҷомеа | Шӯъбаи робита бо ВАО, КВД «Боҷу Хироҷ» Раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз |
| 9. | Табъу нашри адабиёти оммавӣ дар мавзуҳои зиддикоррупсионӣ | Баланд бардоштани сатҳи маърифати зиддикоррупсионӣ | Солҳои 2017-2018 | Ҷалби мутахассисони соҳавӣ, олимони ҳуқуқшинос, равоншиносону иқтисодчиён, сиёсатшиносон, рузноманигорон, кормандони мақомоти бар зидди коррупсия мубориза баранда ҳамчунин муҳаққиқони таъриху адабиёти форсу тоҷику ҷаҳон, руҳониёни дар байни | КВД "Боҷу Хироҷ" Шуъбаи робита бо ВАО, Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, Маркази такмили ихтисос, раёсатҳои Дасгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | ҷомеа нуфузу эътибордошта, | |
| 10. | Иштирок дар такмили тартиби қабул ва баррасии муроҷиати шаҳрвандон оид ба ҳолатҳои воқеъии коррупсия | Таъмини ичрои талаботи Конвенсияи СММ зидди коррупсия | Соли 2017 | Устувор гардидани робитаҳо бо аҳли ҷомеа ва рейтингҳо оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд | Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз, Шӯъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ, дигар Раёсатҳои дастгоҳи марказӣ |
| 11. | Мукаммалсозии қонунгузории танзимкунандаи ҳуҷҷатҳои муҳосибавӣ ва бойгонӣ, гузариш ба шаклҳои электронии нигоҳдории онҳо, ҷиҳати амалисозии ин мақсадҳо ба роҳ мондаи хариди техникаи махсуси нусхабардор, ки тавассути он дар бойгониҳои идоравӣ ва ҷумҳуриявӣ (маҳалли) ҳуҷҷатҳои барои нигаҳдори супоридашуда нусхабардори гардида, ба феҳристи ягонаи | Таъмини беосеб нигоҳ дошатани китобҳои муҳосибавӣ, ҳуҷҷатҳои молиявӣ ё дигар маводҳо, гузариши марҳилавӣ ба стандартҳои байналмиллалии ҳисоби муҳосибавӣ | Солҳои 2017-2018 | Мутобиқгардонии талаботи санадҳои меъёрии дахлдор бо Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ, мувофиқат ба стандартҳои байналмилалӣ | Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз, Раёсати молиявию хоҷагидорӣ, КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» ва дигар Раёсатҳои дахлдор |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | электронӣ ворид карда мешаванд. | | | | |
| 12. | Пешбинӣ намудани низоми электронии пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ба мансабҳои холии хизмати давлатӣ, ташаккули механизмим назорати риояи талаботи тахассуси, иштирок дар такмили Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ ва пешбинии муқарраротн ягонаи қабул ба хизмати давлатӣ ва ротатсияи онҳо. | Ба хизмати давлатӣ ҷалб наму-дани мутахассисони кордону боистедод мутобиқи қобилият, малакаи касбӣ ва таҷрибаи корӣ | Соли 2017 | Ба хизмати давлатӣ ҷалб намудани мутахассисони баландихтисос | Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии», Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз, |
| 13. | Ба роҳ мондаи омӯзиши иловагии қонунгузории зиддикоррупсионӣ ташкили курсҳои таълими барои хизматчиёни давлати оид ба риояи одоби хизматӣ, бартараф намудани бархурди манфиатҳо ва тақвият бахшидан ба раванди муқовимат ба коррупсия. | Пешгирии коррупсия дар байни хизматчиёни давлатӣ | Солҳои 2017-2018 | Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии хизматчиёни давлатӣ дар самти пешгирии коррупсия | Маркази такмили ихтисос, Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Раёсати аудити дохилӣ, дигар Раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 14. | Пешбинӣ намудани вазифаи ҷамъоварии маълумоти зарурӣ зимни баррасии муроҷиати шаҳрвандон аз ҷониби шахсони масъули мақомоти давлатӣ | Таъмини муқаррароти "Консепсияи ҳукумати электронӣ" | Соли 2017 | Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор | Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ Раёсати аудити дохилӣ, Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Раёсати ташкили андозбандӣ ва мақомоти ҳудудии андоз |
| 15. | Ҷорӣ намудани фаъолияти доимии видеокамераҳо (бақайдгирандагони наворӣ) дар нуқтаҳои ҷамъиятӣ (дар биноҳои маъмурӣ муассисаҳо ва корхонаҳои зертобеи Кумитаи андоз), толорҳои баргузории озмунҳо барои ишғоли мансабҳои хизмати давлатӣ, гузаронидан тендерҳою аукционҳо ва пахши ин ҷараёнҳо дар воситаҳои ахбори омма | Таъмини шаффофият ва истифодаи имкониятҳои ҳукукмати электронӣ барои пешгирии коррупсия | Солҳои 2017-2018 | Аз байн бурдани омилҳои бавуҷудоварандаи ҳолатҳои коррупсионӣ дар соҳаҳои дорои хавфи баланди коррупсия | Шуъбаи технологияҳои иттилоотӣ, Раёсати молиявию хоҷагидорӣ, Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз «АНДОЗ.ТҶ», Шуъбаи робита бо ВАО, КВД «Боҷу хироҷ» мақомоти ҳудудии андоз |
| 16. | Мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додани кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии | Манзур намудани пешниҳодҳои мушаххас ба | Солҳои 2017-2018 | Дастгирии давлатии соҳибкорони ватанӣ ва вусъат додани | Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз, |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сармоягузорӣ ва такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ», бо мақсади бунёди шароити иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ ва аз байн бурдани «иқтисодиёти пинҳонӣ» инчунин расида ба шаффофияти ҳадди аксар ва батанзимдарории вазифаҳои назоратии мақомоти ваколатдори давлатӣ, бартараф намудани сабабҳои ихроҷи дороиҳо ва сармоягузориҳо ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои баргардонидагни онҳо ба бахши воқеии иқтисодиёти | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати аз байн бурдани монеаҳои ҷойдошта ва такмил додани фаъолият дар ин соҳаҳо | | ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ | Раёсати ташкили андозбандӣ, Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ва дигар Раёсатҳои дахлдор |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | миллӣ, баланд бардоштани қобилияти рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ дар бозори дохилӣ, ҳавасмандкунонии сармоягузориҳо, аз ҷумла сармояи ватанӣ ба соҳаи истеҳсолии иқтисодиёти кишвар бо ҷалби Ассотсиатсияи соҳибкорони Тоҷикистон. | | | | |
| 17. | Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии дахлдор | Пешгирии ҳодисаҳои коррупсионӣ дар фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ (ба истисноии дорои масуният), ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд | Солҳои 2017-2018 | Пешгирии коррупсия ва фаъолияти ташкилотҳои ғайридавлатӣ тавассути мониторинги амалишавии муваффақи барномаҳои давлатии дахлдор | Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии», Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз, |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 18. | Иштирок дар таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва пешниҳоди тағйиру иловаҳои дахлдор барои ворид намудан ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи заминсозӣ», «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ», «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот», «Дар бораи хусуси гардонии моликияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи иҷора», «Дар бораи ипотека», «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» | Муқаррар кардани назорати аниқ ва таъмини шаффофият дар масъалаҳои замин, аҳдҳо оид ба амволи ғайриманқул, хусусигардонӣ, иҷораи моликияти давлатӣ, захираҳои давлатӣ | Солҳои 2017-2018 | Устувор намудани боварии мардум ба ҳокимияти давлатӣ тибқи рейтингҳои тадқиқотҳои иҷтимоии муносибати аҳолӣ ба амалҳои коррупсионӣ | Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз, Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, Раёсати ташкили андозбандӣ, Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, Раёсати санҷиши андозҳо. |
| 19. | Тариқи пилотӣ дар ҳолати набудани бархӯрди манфиатҳо ба хизматчиёни давлатӣ додани иҷозат барои машғул шудан ба соҳибкории хурд ва фаъолияти меҳнатии инфиродӣ, ҷиҳати амалисозии | Дарёфти роҳҳои ҳавасмандгардонии моддӣ ва имкониятҳои гирифтани даромадҳои иловагии қонунӣ | Солҳои 2017-2018 | Беҳтар намудани нишондиҳандаҳои кории хизматчиёни давлатӣ ва таъмин намудани шароити иҷтимоии онҳо | Раёсати такмили қонунгузорӣ ва санадҳои меърии ҳуқуқии андоз, Раёсати удити дохилӣ, Раёсати ташкили андозбандӣ ва раёсатҳои Дастгоҳи |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | ин мақсадҳо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор | барои хизматчиёни давлатӣ, бо мақсади пешгирии раванди тарки вазифаҳо ва афзоиши нуфузи касбҳои зарурӣ. | | | марказӣ |
| 20. | Иштирок дар ташкил намудани марказҳои байниидоравии илмию таҳқиқотӣ дар назди Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони мақомоти Прокуратураи генералӣ, Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти адлия ва хадамоти ҳуқуқии корхонаҳо, муассисаю ташкилотҳои Вазорати адлия ва дигар вазорату идораҳо | Таҳияи барномаҳо ва такшили курсҳои зиддикоррупсионӣ барои гурӯҳҳои алоҳидаи хизматчиёни давлатӣ, ки ба хавфи коррупсия бештар гирифтор мебошанд | Солҳои 2017-2018 | Гузаронидани семинар-трени-нгҳо ҷиҳати бозомӯзии кад-рҳо ва баланд бардоштани малакаи кас-бии кормандон, ба роҳ мондани нашри китоб-ҳои илмию таъ-лимӣ оид ба муқовимат ба коррупсия | Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Маркази такмили ихтисос ва Раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ |
| 21. | Иштирок дар мукаммал намудани заминаи ҳуқуқии рақобати озод, баррасии | Ҷонибдорӣ ва таъмини меъёрҳои маҳудудсозандаи | Солҳои 2017-2018 | Ҷорӣ шудани механизми мониторинги давлатӣ | Раёсати ташкили андозбандӣ, Раёсати молиявию хоҷагидорӣ, |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | зарурати ташкили маҳзани маълумот дар бораи субъектҳои хоҷагидории қаблан ба амалҳои коррупсионӣ алоқаманд | мақбул ҷиҳати иштироки баробарии субъектҳо дар тендеру музоядаҳо | | дар соҳаи мазкур | Раёсати аудити дохилӣ ва мақомоти ҳудудии андоз |
| 22. | Иштирок дар баланд бардоштани сифати низоми интишори иттилоот оид ба тендерҳо барои хариди давлатӣ дар сомонаи Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ. Нашри иттилооти муфассал оид ба харид ва фаъолияти комиссияҳои тендерӣ | Таъмини шаффофоияти хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ | Соли 2017 | Ҷорӣ шудани механизми мониторинги давлатӣ дар соҳаи мазкур | Раёсати молиявию хоҷагидорӣ, Раёсати аудити дохилӣ ва мақомоти ҳудудии андоз |
| 23. | Нашри ҳисобот оид ба иҷрои буҷетҳои тамоми сатҳҳо ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ҷорӣ намудани шакли ғайринақдии ҳисоббаробаркуниҳои пардохтҳо тавассути терминалҳои электронии пардохти хизматрасониҳо | Таъмини шаффофияти хароҷоти маблағҳои буҷетӣ ва амалӣ намудани лоиҳаҳои инвеститсионӣ | Солҳои 2017-2018 | Ба ҳисоб гирифтани рейтингҳои байналмилалӣ | Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз, Раёсати хизматрасони ба андозсупорандагон, Раёсати ташкили андозбандӣ, Маркази такмили ихтисос, ва дигар Раёсатҳои дахлдори Дастгоҳи марказӣ, мақомоти |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | ҳудудии андоз, |
| 24. | Ташкили курсҳо ва семинарҳо барои кормандони мақомоти давлатии дахлдор оид ба масъалаҳои аудити беруна ва дохилӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ | Баланд бардоштани савияи донишҳои касбӣ | Солҳои 2017-2018 | Омӯзиши таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ бо дарназардошти рейтингҳои байналмилалӣ | Маркази такмили ихтисос, Раёсати аудити дохилӣ, Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, Раёсати молиявию хоҷагидорӣ, Раёсати санҷиши андозҳо ва мақомоти ҳудудии андоз |
| 25. | Ҷорӣ намудани механизмҳои ҳуқуқӣ ва молиявию иқтисодии ҳавасмандгардонӣ барои андозсупорандагони бовиҷдон (беҳтарин) | Пардохти саривақтӣ ва самараноки андозҳо | Солҳои 2017-2018 | Ҳавасмандгардонии андозсупорандагон ва ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ | Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, Раёсати санҷиши андозҳо, Раёсати ташкили андозбандӣ, Раёсати баҳисобгирӣ ва коркарди эъломияҳо ва мақомоти ҳудудии андоз |
| 26. | Тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти пешгирии коррупсия ва ба роҳ мондани таҷрибаомӯзии мутақобила | Такмили ихтисоси кормандони мақомоти бар зидди коррупсия мубориза баранда бо назардошти таҷрибаи пешқадами | Солҳои 2017-2018 | Бо мақсадӣ ошкор кардану аз байн бурдани омилҳои бавуҷудоварандаи ҳолатҳои коррупсионӣ ва баллад бардоштани дараҷаи тахассуси | Раёсати ҳамкории байналмилалӣ ва андозбандӣ, Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз Раёсати кадрҳо ва корҳои |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | ҷаҳонӣ | | кормандони мақомоти бар зидди коррупсия буборизабаранда | махсус, |
| 27. | Аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок дар гузаронидани мониторинги иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ, алалхусус Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия, тавсияҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушди (СҲИР) ва дигар икдомҳои пешбинишудаи минтақавӣ ва ба ҷомеаи байналмилалӣ додани иттилоъ оид ба натиҷаҳои он | Иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат ба коррупсия, бастани созишномаҳо бо мақомоти зидикоррупсионии давлатҳои мутараққӣ дар асоси муқаррароти м.62 Конвенсияи СММ зидди коррупсия | Солҳои 2017-2018 | Таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои байналмиллалии дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза ва муқовимат ба коррупсия | Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз Раёсати ҳамкории байналмиллалӣ ва андозбандӣ |

***Раёсати таъмини ҳуқуқӣ***